**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №2, 2014**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №2, 2014**

**УДК: 4 тадж (03)**

**ХАЙДАРОВ Ш[1].**

# НОМВОЖАИ «КАЮМАРС» ВА КОРБУРДИ ОН ДАР ГАНҶИНАИ НОМҲОИ ТОҶИКОН

**(Дар заминаи маводи номҳои сокинони ҷамоати Пунғози ноҳияи Ашти вилояти Суғд)**

Дар мақола дараҷаи истифодаи антропоними Каюмарс дар ганҷинаву сарвати номвожаҳои муосири сокинони ҷамоати Пунғози ноҳияи Ашти вилояти Суғд мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Антропоними Каюмарс яке аз номҳои қадимаи мардумони ориётабор ба ҳисоб меравад. Аз баррасии мавзӯъ аён гардид, ки ин антропоним дар хазинаи номвожаҳо бори нахуст дар ҷамоати Пунғози ноҳияи Ашт соли 1979 ба қайд гирифта шудааст.

**Калидвожаҳо:** антропоним, антропонимикон, фонди антропонимҳо, Каюмарс, шоҳони Пешдодӣ, номвожа, ҷамоати Пунғоз.

****

Масоили истифода, корбурд ва дараҷаи истеъмоли антропонимияи даврони бостон дар ганҷинаву хазинаи номҳои муосирон аз мавзӯъҳои басо муҳим ва арзишманди илмҳои таърих, мардумшиносӣ, забоншиносии таърихӣ ва муосир, хосатан бахши антропонимика, яъне номшиносии мардумони ориётабор маҳсуб меёбад.

Тибқи маълумоти маъхазу сарчашмаҳои таърихӣ, илмӣ ва адабии давраҳои гуногун шоҳони пешдодӣ инҳо будаанд; Каюмарс, Ҳушанг, Таҳмурас, Ҷамшед, Заҳҳок, Фаридун, Манучеҳр, Нӯзар, Зави Таҳмосп ва ҳамчунин Гаршоспу Афросиёб.

Пешдодиён (авестоӣ – paradhata – парадата, аз par – пеш ва dhata – дод, адл, қонун; нахустин қонунгузорон), сулолаи подшоҳони ривоятию асотирӣ, ки дар Эронзамин, дар ҳазораи 4-3 то милод, аз замони Каюмарс то Кайқубод ҳукмронӣ кардаанд. Пешдодиён мувофиқи маълумоти «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, 2441 сол ҳукмрон будаанд. Дар «Яштҳо»-и Авесто, осори паҳлавӣ – «Минуи хирад» ва «Бундаҳишн» аз 10 нафар Пешдодиён (Каюмарс, Ҳушанг, Таҳмурас, Ҷамшед, Заҳҳок, Фаридун, Манучеҳр, Нӯзар, Зави Таҳмосп, Гаршосп) танҳо 7 тан ҳамчун шоҳи Пешдодӣ тасвир ёфта бошанд, дар «Шоҳнома» 10 нафар ҳама шоҳ ба қалам дода шудаанд. Дар Авесто («Яштҳо») «парадата» - «пешдод» унвони Ҳушанг аст. Дар баъзе осори таърихӣ, аз ҷумла таърихҳои исломӣ, ба Пешдодиён Афросиёб низ илова гардида, онҳо ба 11 нафар расидаанд. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ Пешдодиён асосан чун подшоҳони таърихӣ амал менамоянд, вале дар зимни

[1] **Адрес для корреспонденции:** Хайдаров Шомат – канд.филол.наук., докторант Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки. 735792, Республика Таджикистан, Согдийская обл., Аштский район, дж.Пунғоз. тел.: 927546635

ин баъзеашон (Каюмарс, Ҳушанг, Таҳмурасп, Ҷамшед) қаҳрамонҳои асотирианд [1].

Аз иқтибоси зикр гардида аён мегардад, ки чанде аз номҳои шоҳони Пешдодӣ аз замони асрҳои IV – III то милод то ба даврони мо дар миёни мардумони ориёнажоду халқҳои туркзабон ва мардумони дигар дар шаклу гунаҳои гуногун дар истифода ва истеъмол мебошанд.

Бояд ёдовар шуд, ки «Каюмарс ҳамчунин аввалин кадхудои ҷаҳон ба мисли Абулбашар шахси ягона дар рӯи замин буд» [2]. Аз ин лиҳоз номи ӯ дар миёни мардум ва дар саҳифаҳои рангини таърих аз даврони басо бостон то ба имрӯз сутурда нагардида, балки боз ҳам маъмулу машҳур шудааст.

Дар ин мақола сатҳу дараҷаи истеъмол ва корбурди номҳои шоҳони Пешдодӣ дар сарвати антропонимияи сокинони ҷамоати Пунғози ноҳияи Ашти вилояти Суғд дар тӯли солҳои 1871 – 2010, яъне дар зарфи 140 сол бо усули пажӯҳиши забоншиносии ҷуғрофӣ (лингвогеографӣ) ва забоншиносии оморӣ (лингвостатистикӣ) мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд.

Аввалан лозим аст, ки дар бораи замони зиндагӣ, подшоҳӣ ва шарҳи мухтасари номи Каюмарс чанд сухан гуфта шавад. Дар донишномаи «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» [3] дар мақолаи «Каюмарс» чунин навишта шудааст: «Каюмарс яке аз персонажҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва дигар достонҳои хамосии халқҳои эронинажод. Ин исм аз калимаҳои авестоии «гайа» - «зиндагӣ» ва «мартийа» - «миранда» таркиб ёфтааст ва маъноаш – зиндагии даргузар, «ҳаёти фонӣ» мебошад. Каюмарс аз он сабаб чунин маъно гирифтааст, ки мувофиқи ривоятҳои авестоӣ Аҳура Маздо ӯро чун аввалин инсон дар рӯи замин офарид, вале Аҳриман ва дигар қувваҳои бадӣ ба ӯ ҳуҷум оварда, ӯро куштанд, аз ин рӯ вай сифати мирандаро гирифт. Баъзе муҳаққиқон Каюмарсро «Говмард» (аз калимаи авестоии «гайа» - гов ва «мартийа» - мард) маънидод кардаанд. Ин тафсир бар ривоятҳои қадимии халқҳои эронинажод дар бораи мавҷудияти гове бо сари одамӣ дар замонҳои қадим асос ёфтааст. Мувофиқи ривоятҳо дар кишвари қадимии эрониён, дар лаби рӯди калоне гове бо сари одамӣ зиндагӣ мекард. Қувваҳои бадӣ ба ӯ ҳуҷум оварда вайро куштанд. Аз ҷисми ин гов баъдтар гӯё набототу ҳайвонот, фулузоти рӯи олам ва одамон пайдо шуданд. Дар натиҷаи ҳафриёти археологӣ муҷассамаи гове бо сари одамӣ ёфт шудааст, ки аз мавҷудияти тасаввуроти говмард дар давраҳои қадим гувоҳӣ медиҳад.

Ривояту қиссаҳо дар бораи Каюмарс дар ҳазораи дуюми то милод дар байни мардуми эронинажод маъмул буданд. Нахустин бор ин ривоятҳо ба Авесто дохил гардидаанд. Мувофиқи маълумоти Авесто махсусан, қисмҳои «Ясно» ва «Яштҳо» Каюмарс аввалин инсони офаридаи Аҳура Маздо, шахси поку накӯкор буд. Сипас ривояту қиссаҳо аз Авесто ва адабиёти авестоӣ ба осори адабиёти паҳлавӣ гузаштанд…

Дар таърихҳои исломӣ (ба забони арабӣ ва форсии дарӣ), ки давраи баъдинаи инкишофи ривояту достонҳои қадими эронӣ мебошанд ва дар асрҳои 9-10 таълиф шудаанд (асарҳои Табарӣ, Балъамӣ, Масъудӣ, Саъолибӣ, «Муҷмал – ут – таворих»-и маҷҳулулмуаллиф ва ғ.) ривояту достонҳои паҳлавӣ айнан ва ё бо тағйироти ночизе такрор шудаанд. Дар ин асарҳо номи Каюмарс дар шакли Ҷаюмарс, Гаршоҳ («подшоҳи кӯҳ), Гилшоҳ («подшоҳи аз гил пайдошуда») ва зодагони ӯ-Машйо ва Машйонак дар шаклҳои Морс ва Мориёна (Табарӣ, Балъамӣ), Малҳо ва Малҳина (Масъудӣ), Мешӣ ва Мешиёна ва ғайра вомехӯранд [4].

Антропоними Каюмарс дар таърихи тӯлонии мардумони эронинажод аз байн нарафт ва аз саҳифаи таърих сутурда нагардид. Дар даврони мо чанде аз номгузорони бедордилу хештаншинос ва аз гузаштаи дури хеш огаҳ ба хотири гиромидошти ниёкону таърихи хеш ин номро боз барои фарзандони худ мусаммо намудаанд. Аз гирдоварӣ ва таҳлилу муъоинаи ганҷинаи номҳои сокинони деҳаҳои ноҳияи Ашт аён гардид, ки баъзе волидони соҳибфарҳангу рӯшангарон ба таърихи хеле қадиму бостонии мардумӣ рӯ оварда номҳои бостониро барои фарзандони хеш гузоштаанд. Ва ба ин васила номҳои бостониро бори дигар зиндаву ҷовид намудаанд. Аз ҷумла донишманди пуркору покизаназар, ки сокини деҳаи Сарои ҷамоати Пунғоз мебошад, соли 1979 барои писари навзодаш номи Каюмарсро гузошта буд. Пас аз панҷ соли он, яъне соли 1984 дар оилаи дигар ва дар соли 2003 боз дар ҳамин ҷамоат ин ном мавриди пазириш қарор гирифт ва дар соли 2007 дар ҷамоати мазкур номи Каюмарс барои писари навзод номгузори гардид. Ҳамин тавр дар ҷамоати Пунғози ноҳияи Ашти вилояти Суғд номи Каюмарс чор маротиба мусаммо гардидааст.

Номшинос Р. Шоев зимни таҳқиқи масоили ономастикаи насри ривоятии классиккии форсу тоҷик «Самаки айёр»-и оид ба корбурди антропоними Каюмарс дар ин асар андешаҳои ҷолиберо ба қалам додааст.

Муҳаққиқ дар бахши «Таҳлили этимологии бархе аз антропонимҳои «Самаки айёр» асари тадқиқотиаш роҷеъ ба шарҳу маънидоди номҳои ашхоси таърихи, ҳамчунин зикри антропоними мазкур дар осори таърихӣ ва адабӣ, аз ҷумла «Таърихи Табарӣ», «Шоҳнома» ва баррасиҳои адабиётшиносони маъруф Забеҳуллои Сафо, Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский ва муаррихи шинохта К.В. Тревер маълумот дода, сипас ба шарҳу маънидод ва этимологияи ин антропоним дар асоси фарҳангҳои гуногун, мисли «Ғиёс – ул – луғот», «Чароғи ҳидоят», «Фарҳанги Рашидӣ», «Мунтахаб – ул – луғот» пардохтааст.

Мутаассифона Р.Шоев аз маводи «Энсиклопедияи советии тоҷик» (ҷ. 3, 1981) ва «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» (ҷ. 2, 1989) сарфи назар кардааст. Дар ин донишномаҳо маълумоти пурарзиши таърихӣ, забоншиносӣ ва номшиносӣ ҷой дода шудааст, ки онҳо ба шарҳу маънидод ва навиштаҳои муаллиф мувофиқат намекунанд. Аз ҷумла Р.Шоев чунин навиштааст: «Пас метавон бо боварӣ гуфт, ки маънои аслии Каюмарс «пешвои замин» мебошад». Ин хулосаи муҳаққиқ дар асоси маълумоти фарҳангҳои тафсирии «Фарҳанги Рашидӣ», «Мунтахаб – ул – луғот» ва «Ғиёс – ул – луғот», ба миён омадааст, яъне Р.Шоев маводи ин фарҳангҳоро бидуни таҳқиқу қиёс дурусту саҳеҳ шуморидааст [6]. Дар донишномаҳо зикр шуда, ки «Ин ном (яъне Каюмарс – Ш.Ҳ.) аз калимаҳои авестоии «гайа» - «зиндагӣ» ва мартийа» - «миранда» таркиб ёфтааст ва маънояш – «зиндагии даргузар», «ҳаёти фонӣ» мебошад [7].

Ғайр аз ин, ба андешаи инҷониб, пажӯҳишгарро лозим буд, ки ба маводи навиштаҳои мутахассисони таърихи забонҳои эронӣ муроҷиат намояд [8].

Ҳамин тавр, антропонимҳои бостонӣ дар ганҷинаи номҳои тоҷикони шаҳру ноҳия ва деҳоти мамлакат ва кишварҳои гуногуни хориҷӣ дар истифода аст, ки ҷамъоварӣ ва таҳлилу баррасии муқоисавии онҳо аз вазифаҳои муҳимми номшиносон маҳсуб меёбад.

**Адабиёт**

1. Диловаров М. Каюмарс // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. -ҷ.2,- Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик, 1989.-С. 27–28; И.С.Брагинский. Каюмарс // Мифология: Большой энциклопедической словарь/ Гл.ред. Е.М. Мелетинский.–4–е изд.–М.: Российская энциклопедия, 1998. – С. 281 – 282: Ҳамчунин ниг. ба: Авесто: Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. Таҳиягар Муаззами Диловар. – Душанбе: Қонуният, 2011. – С.619 – 620
2. Муҳаммадқул Ҳазратқулов. Дар сапедадами таърих // Пайванд: Номаи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон.-№11. – Душанбе: Пайванд: 2006.-С.1; Ҳамон муаллиф. Ориёҳо ва тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: Дониш, 2006.-С.434.
3. «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик». ҷ. 2.- С.27 – 28.
4. Ҳамон ҷо.
5. Шоев Р. Ономастикаи «Самаки айёр» (Тадқиқоти забоншиносӣ). – Душанбе: Ирфон, 2013. – С. 95 – 97.
6. Шоев Р. Ҳамон асар.
7. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. - Ҷ 2. –С. 27-28. Энсиклопедияи советии тоҷик. -Ҷ. 5. –С.593.
8. Рак И.В. Мифи Древнего и раннесредневекового Ирана.-СПб.-Москва: Журнал «Нева» - «Летний Сад», 1998.-С. 165; 465.

**ХАЙДАРОВ Ш.**

## УПОТРЕБЛЕНИЕ АНТРОПОНИМИИ ЦАРЕЙ ПЕШДАДИТОВ В СИСТЕМЕ АНТРОПОНИМИИ ТАДЖИКОВ

(на материале джамоата Пунгаза Аштского района Согдийской области)

В статье исследуется степень употребления антропонима Каюмарс в фонде антропонимической системы современных имен джамоата Пунгаз Аштского района Согдийской Области. Антропоним Каюмарс является одним из древнейших имен ираноязычных народов. Исследования показывают, что этот антропоним впервые в 1979г. зафиксирован в фонде антропонимикона таджиков джамоата Пунгаза Аштского района.

**Ключевые слова:** антропоним, антропонимикон, фонд антропонимики, Каюмарс, Пешдодитские цари, джамоат Пунгаз.

**HAYDAROV Sh.**

## ANTROPONIMIYA'S USE OF TSARS PESHDADITA IN ANTROPONIMIYA'S SYSTEM OF TAJIKS

(on material of Jamoa Pangaz of the Asht area of Sogdian district)

In article extent of the use anthroponomy by Kayumars in fund to anthroponomy system of modern of Pangaz of the Asht region of Sogd is investigated. Anthroponomy Kayumars is one of the most ancient names of the Iranian people. Research shows that this anthroponomy in the first in 1979 is recorded in fund anthroponomical Tajiks of Jamoa of Pangaz of the Asht Area.

**Keywords:** anthroponomy, anthroponomical, Kayumars, Peshdodian kings, Pangaz Jamoa.